Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Миралиев Исфандиёр Қарахонович дар мавзуи «Назария ва амалияи байналмилалӣ ва миллии робитаи давлат ва шахс: таҳқиқоти назариявӣ-методологӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат

Диссертатсияи Миралиев Исфандиёр Қарахонович дар мавзуи «Назария ва амалияи байналмилалӣ ва миллии робитаи давлат ва шахс: таҳқиқоти назариявӣ-методологӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ» ба яке аз масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқшиносӣ бахшида шудааст, чунки ҳуқуқи инсон дар шакли ғояву назарияҳо ташаккул ёфта, тадриҷан ҳамчун объекти бевоситаи танзими ҳуқуқӣ баромад мекунад.

Аз замоне, ки давлат ҳамчун ниҳоди асосии идоракунандаи ҳокимият пайдо шуд, зарурат ва мубрамияти робитаи он бо шахс бештар ба мушоҳида расид. Аз ин рӯ, мутафаккирон пайваста дар талоши он буданд, то нақши давлатро дар ин раванд муайян намоянд. Ғоя ва назарияи муносибати байни давлат ва шахс, ки он фарогирандаи ҳуқуқи инсон аст, таърихи куҳанро соҳиб мебошад. Он дар алоқамандии бевосита бо навъҳои (моделҳои) гуногуни ташкили ҳокимияти ҷамъиятӣ-сиёсӣ ва ҷомеаи муташаккил ба вуҷуд омадааст.

Робитаи давлат ва шахс дар тули ҳазорсолаҳо диққати мутафаккирон, олимон ва муҳаққиқонро дар кишварҳои гуногуни ҷаҳон ба худ ҷалб намудааст. Танҳо дар давлати ҳуқуқбунёд ҳуқуқ ва озодиҳои инсон расман ҳамчун арзиши волотарини иҷтимоӣ эътироф мегардад. Дар роҳи ташаккули робитаи судманди давлат ва шахс назарияи давлати ҳуқуқбунёди демократӣ омили муҳим мебошад. Маҳз ба шарофати он ҳамбастагӣ ва масъулияти дутарафаи давлат ва инсон таъмин гардид. Ақидаҳои бунёдии

давлати ҳуқуқбунёд (волоияти ҳуқуқ, арзиши баланди иҷтимоии инсон ва ҳуқуқу озодиҳояш, худмаҳдудшавии ҳуқуқии давлат) барои таъмини робитаи давлат ва шахс дар заминаи эътироф, таъмин ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд нақши калидӣ доранд.

Дар таҳқиқоти диссертатсионии мазкур бори нахуст дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ робитаи давлат ва шахс дар робита бо таҷрибаи байналмилалӣ, минтақавӣ ва миллӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон, бо назардошти афзалияти манфиатҳои миллӣ ва бо мақсади пешниҳоди модели миллии робитаи давлат ва шахс таҳқиқ карда шудааст.

Таҳқиқоти мазкур бо назардошти равандҳои муосири ҷомеаи ҷаҳонӣ, аз ҷумла ҷаҳонишавӣ, бархӯрди тамаддунҳо, неолиберализм, ҷаҳонишавии неолибералӣ, буҳрони идеологияи ғарбгароёна, муқовимат ба ғояи ғарбии фардигароӣ, аҳаммияти манфиатҳои миллӣ, ки ба робитаи давлат ва шахс таъсир мерасонанд, гузаронида шуда, таваҷҷуҳи асосӣ ба таҳқиқи унсурҳои маънавӣ-фарҳангии робитаи давлат ва шахс дода шудааст.

Таҳқиқоти гузаронидашуда нишон медиҳад, ки ҳар як халқ роҳи мустақилонаи рушдро интихоб мекунад, арзишҳои ҳуқуқи инсонро бо назардошти тамаддун ва фарҳанги миллӣ дарк мекунад. Сатҳи инкишофи иқтисодӣ-иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии ҷомеа, ҳолати равонӣ, шуур ва анъанаҳои миллӣ ба ҳайси омилҳои муайянкунандаи амалигардонии арзишҳои давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқи инсон баромад мекунанд. Назарияҳои гуногуни ҳуқуқи инсон дар шароити ҷаҳонишавӣ ва афзалияти манфиатҳои миллӣ дар ҳар як кишвари ҷаҳон, аз он ҷумла дар Тоҷикистон дар доираи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешаванд. Назария ва амалияи ҷаҳонӣ дар соҳаи робитаи давлат ва шахс бо назардошти ҳадафҳо ва афзалиятҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода мешавад.

Диссертатсия таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ-тахассусӣ буда, натиҷаи он барои рушди илми назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, инчунин соҳаҳои дигари илми ҳуқуқшиносӣ

мусоидат мекунад. Таҳлили диссертатсия, акидаҳо, нуктаҳои илмӣ, хулосаҳо, мафҳумҳои илмӣ, проблемаҳои қонунгузорӣ, ки аз тарафи муаллиф пешкаш шудаанд, инчунин таҳлили танқидии ақидаҳои дар илм ҷойдошта, муайян намудани мавқеи мустақили хеш, асосноккунии нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳо бо истифода аз доираи кофии маводи илмӣ ва таҷрибаи амалӣ аз он дарак медиҳад, ки таҳқиқоти мазкур мустақилона навишта шудааст.

**Дар баробари ҷанбаҳои зиёди мусбат доштани таҳқиқоти унвонҷӯ баъзе масъалаҳои баҳснок ба мушоҳида мерасанд, аз ҷумла:**

Дар нуктаи илмии нуҳум, ки ба ҳимоя пешниҳод мешавад, муаллиф таъкид мекунад, ки дар давлати иҷтимоӣ «ҳуқуқҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ ба мадди аввал мебароянд». Ин ақидаи муаллиф аз лиҳози илмӣ баҳснок аст, чунки моҳияти давлати иҷтимоиро дар робита бо ҳуқуқҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ муайян мекунад, ҳол он ки давлати иҷтимоӣ асосан бо ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ва фаъолияти иҷтимоии давлат алоқаманд аст.

Албатта, камбудии зикршуда сифати таҳқиқоти диссертатсионии тақризшавандаро паст намекунад ва баҳои мусбати диссертатсияро тағйир намедиҳад. Хулосаҳои пешниҳоднамудаи  Миралиев Исфандиёр Қарахонович мантиқан дуруст ва илман асосноканд. Бешубҳа, натиҷаҳои таҳқиқоти илмии тақризшаванда аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ доранд, метавонанд дар фаъолияти илмӣ ва раванди таълим истифода шаванд.

**Дар маҷмуъ,** аз омӯзиши матни пурраи автореферат хулоса намудан мумкин аст, ки таҳқиқоти довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Миралиев Исфандиёр Қарахонович ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд, зеро натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф барои рушди илми назария  давлат ва ҳуқуқ, таърихи давлат ва ҳуқуқ; таърихи

таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, инчунин соҳаҳои дигари илми ҳуқуқшиносӣ мусоидат карда, боис мегарданд, ки яке аз масъалаҳои муҳим, яъне робитаи давлат ва шахс такмил ёбад.

Дар асоси гуфтаҳои боло, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки диссертатсияи Миралиев Исфандиёр Қарахонович дар мавзуи «Назария ва амалияи байналмилалӣ ва миллии робитаи давлат ва шахс: таҳқиқоти назариявӣ-методологӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ», ба талаботҳои мавҷуда ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад.

**Тақриздиҳанда**:
Раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони
Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон
оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Р. М. Раҷабзода

Имзои Р.М. Раҷабзодаро тасдиқ мекунам:
Мудири шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони
Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ф. С. Сафарзода

Раҷабзода Равшан Муҳитдин
734024 ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 42,
тел: (992 37) 221-78-93, (+992) 918 – 61 – 18 – 53
E-mail: rrm_67@mail.ru

«18» апрели соли 2024